آواز تاجیک

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

5 апрели соли 2023 Чоршанбе

№ 27 (14935)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН АҲАМИЯТИ РУШДИ ҲАМКОРИИ ИННОВАТСИОНИРО БО АМА ТАЪКИД КАРД

***Истиқболи татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои мушаххас дар соҳаи технологияи баланд, зеҳни сунъӣ, рақамисозӣ, такомули инфрасохтори шаҳр, боз намудани имконоти тиҷоративу сармоягузории минтақаҳо ва масъалаҳои дигар зимни мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо ҳайати Аморот Муттаҳидаи Араб зери сарпарастии вазир оид ба корҳои Ҳукумат Муҳаммад бин Абдулло ал-Гергавӣ, ки 4 апрел баргузор гардид, баррасӣ шуданд.***



Роҳбари давлат таъкид кард, ки самтҳои мазкур мавзўи мулоқоти оядаи ҳамоиши дараҷаи олии дуҷонибаро бояд ташкил намоянд.

Ғайр аз ин бобати минбаъд васеъ намудани ҳамкории муфиди тарафайн бинобар самтҳои мисли баланд бардоштани самаранокии ислоҳоти ҷорӣ, тарбияи кадрҳои касбии идоракунӣ ва барномарезӣ, татбиқи низоми «ҳукумати электронӣ» ва соҳаҳои дигар таваҷҷуҳ зоҳир гардид.

Вазир Ал-Гергавӣ ба роҳбари давлатамон саломи самимӣ ва таманноҳои беҳтарини Президенти Аморот Шайх Муҳаммад ал-Наҳайян ва Ноиб-президент, Сарвазири мамлакат, Амири Дубай Шайх Муҳаммад ал-Мактумро тақдим кард.

Дар поёни мулоқот Президенти Ўзбекистон бинобар навсозии «нақшаи роҳ», ки тезондани татбиқи барномаҳои ҷорӣ ва омодагии лоиҳаҳои истиқболнокро пешбинӣ менамояд, супоришҳо дод.

Дар поёни суҳбат ба вазир Ал-Гергавӣ мукофоти олии давлатӣ – ордени «Дўстлик» барои саҳми калонаш дар амиқсозии муносибати бисёрҷанбаи Ўзбекистону Аморот ва ҷонибдории ҳаматарафаи барномаи ислоҳот дар Ўзбекистони Нав супурда шуд.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# ЛОИҲАҲОИ СОХТМОН МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимоти консепсияи лоиҳаи шаҳри Тошканди Нав ва объектҳои сохтмонии пойтахт шинос гардид.***

18 март роҳбари давлат ба татбиқи лоиҳаи Тошканди Нав оғоз бахшид. Дар тақдимоти мазкур масъалаҳои бобати татбиқи давраи якуми он баррасӣ гардиданд.

Дар марҳалаи мазкур сохтмони иморатҳои бисёрҳуҷра барои 60 ҳазор нафар аҳолӣ, биноҳои маъмурии идораҳои давлатӣ, боғу объектҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба нақша гирифта шудааст. Барои лоиҳасозӣ ва танзими ҳамаи корҳо мудирият ташкил гардида буд. Таҷрибаи урбанизатсия ва сохтмон дар бузургшаҳрҳои хориҷӣ омўхта шудааст.

Консепсияи сохтмони Тошканди Нав дар асоси панҷ функсия таҳия гаштааст: маъмурӣ, иқтисодӣ, таълимӣ, тиббӣ ва маданӣ. Бинобар ин дар шаҳр идораҳои соҳавӣ ва муассисаҳои марбути онҳо ҷойгир хоҳанд шуд.

Дар ҷараёни тақдимот инчунин дар бораи «нақшаи роҳ»-и корҳои лоиҳаву сохтмон маълумот пешниҳод гардид. Барои татбиқи чунини лоиҳаи калонҳаҷм дар навбати аввал инфрасохторро бояд омода намуд. Таъкид гардид, ки ҳамзамон бархурдҳои замонавии урбанизатсия, технологияи «оқил» истифода хоҳанд гардид. Барои мисол, сохтмони пойгоҳи тригенератсия пешбинӣ мегардад, ки он дар як вақт электроэнергия, гармӣ ва хунукӣ тавлид мекунад. Тамоми шабакаҳои электрикӣ, коммуникатсионӣ, қубурҳои газ ва об бинобар нақша дар зери замин хобонда мешавад.

Дар шаҳр инфрасохтор, фазои зиндагӣ ва экология мутаносиб хоҳанд буд. Дар ин ҷо лоиҳаи «Камарбанди сабзи Тошканд» оғоз хоҳад гардид. Барои равуои озоди пиёдагардон ва велосипедронҳо шароити муносиб ба вуҷуд хоҳад омад. Барои ин пойгоҳҳои автомобилии зеризаминӣ, 14 нақби замонавӣ, 7 пул аз тариқи дарёҳои Чирчиқ ва Қарасу сохта хоҳанд шуд.

Роҳбари давлат ногузирии дар оянда дар шаҳр собит гардидани принсипи «қадри инсон», ба эътибор гирифтани эҳтиёҷи одамони синни гуногун, ба вуҷуд овардани шароитҳои зарури муносибро таъкид намуд. Дар бобати чӣ гуна ҷойгир гардидани объектҳо супоришҳо дода шуд, то ки онҳо барои истифода ва ҳаракати нақлиёт муносиб бошанд ва ҳамзамон ба фароҳамсозии қитъаҳои сабз эътибори алоҳида нигаронда шуд.

Инчунин пешниҳодот дар бобати ҷойгир намудани объектҳои савдо ва хидматрасонӣ зери эстакадаҳои метрои рўизаминии Тошканд баррасӣ гардид. Аз ҷумла, дар қитъаи хате, ки аз тариқи ҳудуди ноҳияи Яшнобод мегузарад, ҷойгоҳи озоде дар тўли чор километр вуҷуд дорад. Дар ин ҷо метавон қитъаҳои сабз, пойгоҳи автомобилӣ, майдонҳои воркаут, нуқтаҳои савдо ва хидматрасониро ҷойгир кард. Таҷрибаи шаҳри Берлин бинобар истифодаи ҷойгоҳи холии зери хати метрои рўизаминӣ таҷдиди назар гардид.

Президент дар бобати тақсим намудани ин қитъаҳо ба лотҳо ва пешниҳод намудани онҳо барои иҷораи соҳибкорон, ба вуҷуд овардани қулаии иловагӣ барои аҳолӣ бо назардошти пешбинии тамоми чораҳои бехатарӣ супориш дод.

**ЎзА.**

## Дар бораи кушоиши ҷамъомади умумии сиюнўҳуми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон

Ҷамъомади умумии сиюнўҳуми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон 6 апрели соли 2023 соати 10.00 дар шаҳри Тошканд, толори маҷлисҳои Сенати Олий Маҷлис ба кор шурўъ мекунад.

Ба нақша гирифта шудааст, ки ҷамъомади умумӣ 6-7 апрели соли ҷорӣ дар шакли конфронси видеоӣ гузаронда шавад.

Ҷамъомади умумии бевосита тавассути канали Сенат дар YouTube намоиш дода мешавад.

**ЎзА.**

***Дар ҷамъомади навбатии комиссияи ҳавзаи Бухоро-3, ки ба гузаронидани раъйпурсии ҷумҳурӣ дар вилояти Бухоро масъул аст, масъалаи созмон додани қитъаҳои раъйпурсӣ дар ҳавза баррасӣ гардид. Дар он гузориши раиси комиссия М. Даминов шунида шуд.***

# ҚИТЪАҲОИ РАЪЙПУРСӢ МУАЙЯН ГАРДИДАНД

– Бинобар моддаи 16-уми Қонун «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Ўзбекистон» бо назардошти сарҳадҳои ноҳияю шаҳрҳо бо мақсади фароҳам овардани қулаиҳо ба иштироккунандагони раъйпурсӣ қитъаҳои раъйпурсӣ дар қисмҳои ҳарбӣ, санаторияҳо, хонаҳои истироҳатӣ, беморхонаҳо ва дигар муассисаҳои муолиҷагирии статсионарӣ, мавзеъҳои аҳолинишини дурдасту рафтуояшон душвор ва маҳбасхонаҳо ташкил меёбад, – гуфт вай. Дар ҷамъомад аз ҷониби аъзои комиссия қитъаҳои раъйпурсию ҳудудҳои он ва манзили эшон тасдиқ гардид.

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар вилоят ҷараёни овоздиҳӣ дар 610-то қитъаи раъйпурсӣ сурат гирифта, миқдори аз ҳама зиёди онҳо дар ноҳияи Ғиҷдувон (88-то) ва шаҳри Бухоро (84-то) ба қайд гирифта шудааст. Аз ҷумла байни муассисаҳо бештарини қитъа-ҳои раъйпурсӣ дар мактабҳо (463-то, 76 фоиз) ҷогузин шудаанд.Инчунин қисми дигарашон дар биноҳои коллеҷ, техникум, литсей, идораи маҳалла, муассисаҳои тиббӣ, давлатӣ, марказҳои маданияту спорт ва мактабҳои олӣ омодаи кор шудаанд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

*30 апрел – Рўзи раъйпурсии Ҷумҳурии Ўзбекистон*

# ҲУҶҶАТИ ҲУҚУҚИЕ, КИ ОЯНДАИ МОРО МУАЙЯН МЕКУНАД

***Ислоҳоти солҳои охир ба рушди минбаъдаи сохторҳои давлатӣ ва ҳуқуқии Ўзбекистон такони пурқувват бахшид. Ислоҳот дар дигаргуниҳои васеъмиқёси соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳуқуқии ҳаёти давлат зоҳир гардид. Имрўз маълум шуд, ки ин тағйирот бояд дар Қонуни асосии мамлакат ба таври қонунӣ мустаҳкам карда шаванд. Вобаста ба ин, масъалаи навсозии Конститутсия ба миён омад, ки он натанҳо дигаргуниҳои анҷомдодашударо инъикос созад, балки дастуру ҳадафҳои наверо, ки дар шароити замонавӣ дар назди ҷомеа қарор доранд, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мустаҳкам намояд.***

Натиҷаи кори диққатталаб дар болои лоиҳаи Қонуни конститутсионии кишвар оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи кишвар дар ВАО, шабакаҳои иҷтимоӣ ва маҳаллаҳо муҳокимаи умумихалқӣ гузаронда шуд. Муҳокимаи умумихалқии лоиҳа ба такмил додан ва ғанӣ гардондани мазмуни лоиҳаи қонун мусоидат кард. Дар маҷмўъ, вобаста ба тағйироту иловаҳои воридшуда шумораи моддаҳои Қонуни асосӣ, ки дар лоиҳаи таҳрири нави Конститутсия инъикос ёфтааст, аз 128 адад то 155 адад зиёд мешавад, ҳаҷми меъёрҳои Конститутсия — 65 фоиз тағйир меёбад.

Имрўз лоиҳаи Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон» ба раъйпурсӣ гузошта шуда, тамоми аҳолии кишвар лоиҳаи қонунро фаъолона муҳокима мекунанд. Новеллаҳои конститутсионии баррасишуда ба таҳкими ҳуқуқии хусусияти демократӣ, иҷтимоӣ ва дунявии давлати мо, таҳкими асосҳои конститутсионии ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон нигаронида шудаанд. Ба тариқи конститутсионӣ муфассал гардондани вазифаи давлат бобати эътироф, риоя кардан ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон моҳияти навсозии Конститутсия, бо механизму расмиёти мукаммали ҳуқуқӣ ғанӣ гардондани мазмуни он мебошад.

Ба тамоюлҳои рушди замонавии конститутсионии кишвар азнавташкилдиҳии модели танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии муносибатҳои шахс, ҷомеа ва давлат, самти Конститутсия ба арзишҳои инсондўстона; дар он мустаҳкам намудани хусусиятҳои нави давлат ва ғайраро нисбат додан мумкин аст.

Моҳият ва аҳамияти навовариҳои конститутсиониро ба таври зайл тавсиф кардан мумкин аст. Ислоҳоти конститутсионӣ ба он нигаронида шудааст, ки парадигмаи тафаккур ва тамоюлҳои фаъолият дар низоми идораи давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба куллӣ тағйир дода, дар Ўзбекистони Нав дар асоси муносибатҳо ба ҷои принсипи «давлат-ҷамъият-инсон» тамоюли «инсон-ҷомеа-давлат» гузошта шавад. Бояд гуфт, ки қариб ҳамаи тағйироту иловаҳое, ки ба Конститутсия баъди қабули он дар соли 1992 ворид карда шудаанд, асосан ба масъалаҳои сохтмони давлатию ҷамъиятӣ, бахусус фаъолияти Президент, Парлумон, Ҳукумат, низоми интихоботӣ ва ғайра дахл доштанд.

Дар навбати худ, беш аз нисфи меъёрҳои пешниҳодшуда дар таҳрири нави Конститутсия ба таҳкими кафолатҳо ва тақвияти механизмҳои ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон нигаронида шудаанд. Тамоми асосҳои зарурӣ вуҷуд доранд, ки ҳар як шаҳрванди Ўзбекистон бо боварӣ гуфта метавонад: «Ин Конститутсияи ман аст», зеро он манфиатҳои тамоми табақаҳои аҳолиро ифода мекунад.

Дар Конститутсия тамоми аломатҳои давлати ҳуқуқбунёд инкишоф дода шудааст, ки дар он ҳокимият бояд дар амалҳои худ бо қонун маҳдуд карда, ба иродаи халқи соҳибихтиёр тобеъ карда шуда, ҳуқуқу озодиҳои инсонро таъмин кунад. Механизмҳои конститутсионии таъмини волоияти Конститутсия ва қонун, ҳамчун гарави муҳимтарини навсозии демократии кишвар, ҳимояи боэътимоди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ба таври назаррас таҳким ёфтааст. Ҳуқуқи бевосита ба Суди конститутсионӣ бо шикоят дар бораи мувофиқати Қонуни конститутсионӣ муроҷиат кардани шаҳрвандон ва шахсони юридикӣ, ки нисбати онҳо аз рўи парвандаи мушаххас суд истифода бурдааст, ки баррасиаш дар суд ба охир расидааст ва агар ҳамаи дигар воситаҳои ҳифзи судӣ барбод рафта бошанд, мустаҳкам карда шудааст.

Механизмҳои боэътимоди ҳифзи ҳуқуқи шахс ва шаҳрванд, ки қариб тамоми усулҳои замонавии ҳифзи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳуқуқвайронкуниҳои қонунро аз ҳар гуна худсарии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор дар худ таҷассум намудааст, мустаҳкам карда шудаанд. Кафолатҳои таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, аз ҷумла бо роҳи дар сатҳи конститутсионӣ таҳким додани институтҳои аз тарафи умум эътирофшудаи «Хабеас корпус» ва «Қоидаҳои Миранда» ба таври назаррас тақвият ёфтаанд.

Принсипҳои сиёсати хориҷии давлат, ки дар Қонуни асосӣ ифода ёфтаанд, бо нуқтаи «Бутунии территориявии давлатҳо» бо таърифи «сиёсати сулҳҷўёнаи хориҷӣ» ҳамчун вектори асосии тараққиёти мамлакати мо пурра карда мешавад.

Дар Конститутсия нишонаҳои давлати иҷтимоӣ инкишоф ёфтааст, ки сиёсати он ба қарор ёфтани тамоюли адолати иҷтимоӣ ва ҳамбастагӣ, ноил шудан ба сифат ва сатҳи зиндагии шоистаи шаҳрвандон, расонидани кумак ба ниёзмандон нигаронида шудааст. Меъёрҳое, ки ба дастгирии табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ, рафъи нобаробарии иҷтимоӣ дар ҷамъият, муҳайё кардани шароити муносиби зиндагӣ, пурзўр намудани масъулияти иҷтимоии давлат дар назди шаҳрвандон, то ки касе аз эътибор дур намонад, нигаронида шудаанд, мустаҳкам карда мешаванд. Бори аввал ҳуқуқи ҳар кас ба манзил муқаррар карда мешавад. Миқдори нафақа, кумакпулӣ ва дигар намудҳои кумаки иҷтимоӣ, ки қонун муқаррар кардааст, мустаҳкам карда мешавад ва онҳо аз хароҷоти камтарини расман муқарраршудаи истеъмолӣ кам буда наметавонанд.

Барои баланд бардоштани нақш ва самарабахшии парлумон, мақбулсозии фаъолияти ҳар як палатаҳои Олий Маҷлис, инчунин бартараф кардани паралеллизм дар фаъолияти онҳо, мақоми онҳо комилан нав гардида, ваколатҳояшон тақвият меёбанд. Ҳамин тариқ, дар муқоиса бо Конститутсияи амалкунанда доираи ваколатҳои истисноии Палатаи қонунгузорӣ васеъ карда шуда, шумораи онҳо аз 5 ваколат ба 12 ва шумораи ваколатҳои истисноии Сенат аз 14 ваколати феълӣ то ба 18 адад расонида шуд.

Бо назардошти амалиёти ҷаҳонӣ шумораи аъзои Сенат оптимизатсия карда шуд. Акнун ба ҷои сад сенатор 65 нафар мешавад, ки аз ҳар минтақа аз ҳисоби вакилони мақомоти намояндагии маҳаллӣ 4 нафарӣ иборат аст ва 9 сенаторро Президенти кишвар таъин мекунад. Ба назар гирифта шудааст, ки аз 83 парламенти дупалатагии дунё шумораи сад нафар аъзои палатаи болоӣ ва сенаторони бештар танҳо дар 23 кишвар мавҷуд аст.

(Давомаш дар саҳ.2).

# ДЕҲОТИ ДУРДАСТИ КЎҲИСТОН БА РАЪЙПУРСӢ ОМОДА МЕГАРДАНД

***Омодагиҳо ба раъйпурсии умумӣ дар робита ба лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Сарқонуни ҷумҳурӣ, ки 30-юми апрели соли ҷорӣ баргузор хоҳад шуд, тибқи фармоиши раёсати ҳавзаи раъйпурсии рақами 13-и вилояти Қашқадарё дар тамоми шаҳру навоҳии қаламрав идома доранд.***

Ҳатто дар қитъаҳои раъйдиҳии воқеъ дар деҳоти кўҳистон, ки аз маркази ноҳияҳо фарсаҳҳо дуранд, тайёрӣ ба ин маъракаи муҳим оғоз ёфта, ҳайати комиссияи мунтахаб омодагии ҳамаҷониба мебинад.

Бахши раъйпурсии рақами 518-и ноҳияи Китоб яке аз 86 адад участкаи ин қаламрав мебошад, ки аз марказ дар дурии 50 километр ҷой гирифтааст ва дар мактаби рақами 68-и деҳаи Матмон ифтитоҳ ёфтааст. Раиси комиссияи бахши раъйпурсии 518-уми ин мавзеъ директори мактаби рақами 68 Муҳаммадӣ Халилов интихоб шудааст. М. Халилов гуфт, ки дар участкаи мазкур комиссияи махсусе амал мекунад, ки аз 11 нафар фаъолони обрўманди деҳа таркиб ёфтааст. Дар таркиби ин ҳайат се нафар омўзгори пешқадами дабистон низ шомиланд. Вай афзуд, пас аз як омўзиши кўтоҳмуддат аз ҷониби мутахассисон ва таъмини дастуруламалҳои махсуси раъйдиҳӣ корҳои омодасозӣ ба ин маъракаи муҳимми барои мардуми ҷумҳурӣ чун обу ҳаво зарур оғоз гардид. Муҳаммадӣ Халилов гуфт, намояндагони шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Китоб ва бахши ноҳиявии Вазорати ҳолатҳои фавқулода ба деҳаи Матмон омаданд ва мавқеи баргузории маъракаро аз назар гузарониданд, ки толори варзишии мактаби рақами 68 интихоб шуда буд. Онҳо ҷойи интихобшударо аз ҷиҳати бехатарӣ омўхтанд ва мақбул донистанд. Пас аз ин се кобина барои раъйдиҳандагон насб гардид, ки яке аз онҳо барои мардуми бо имконоти маҳдуд ё малул пешбинӣ шудааст. Вай таъкид кард, ҳамчунин як сандуқи хурд низ доранд, ки ду нафар узви комиссияи раъйпурсӣ бо мошини махсусе ба хонаҳои он нафароне хоҳанд бурд, ки имкони омадан ба мавзеи раъйпурсиро надоранд – беморанд ё пири барҷомонда ҳастанд.

Дар деҳаи Матмон, ки шомили ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Кўҳсор»-и ноҳияи Китоб мебошад, 2360 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунанд ва дар феҳрасти бахши раъйпурсии рақами 518 дар маҷмўъ 1408 нафар овоздиҳанда ба қайд гирифта шудааст. Аз эҳтимол дур нест, ки бархе аз аҳолӣ барои дарёфти рўзии аҳли оила аз пайи корҳои мавсимӣ берун аз деҳа рафта бошанд.

– Таъмин намудани ширкати бахши бештари овоздиҳандагон аз вазифаҳои аввалиндараҷаи аъзои комиссияи раъйпурсӣ ва натиҷаи заҳматҳои корҳои таблиғотии онҳо мебошад, – зикр кард роҳбари участка.

Муҳаммадӣ Халилов ҳамчунин таъкид кард, ки участка таҳти роҳбарии ў бо ҳама гуна таҷҳизоти зарурӣ, аз ҷумла бо дастуруламали махсус, овезаву шиорҳои таблиғотӣ таъмин шудааст ва ҳамакнун бо идома бахшидани корҳои омода сохтани участкаи раъйпурсӣ бо ҳайъати комиссияи 11-нафара барои корҳои тарғиботӣ ба хонаҳои мардум хоҳанд рафт ва ба онҳо аз ҳаётан муҳим будани раъйпурсӣ, бартариҳои иловаю таҳрири нави Сарқонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон ҳарф хоҳанд зад.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Қашқадарё.**

# ҲУҶҶАТИ ҲУҚУҚИЕ, КИ ОЯНДАИ МОРО МУАЙЯН МЕКУНАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Минбаъд баррасӣ ва тасдиқ намудани номзадии Сарвазир, танҳо дар шакли ваколати истисноӣ ба Палатаи қонунгузорӣ мегузарад. Як қатор ваколатҳои назоратии Сенат (назорати иҷрои Буҷаи давлатӣ, шунидани маърӯзаи ҳарсолаи Девони Вазирон, шунидани ҳисоботи Сарвазир оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва ғ.) ҳамчун ваколатҳои истисноӣ ба Палатаи қонунгузорӣ дода мешавад.

Нововарии бузург барои амалияи парлумони Ӯзбекистон ба Сенат додани ваколати иҷрои вазифаи парлумон оид ба қабули қонунҳо (ба ғайр аз Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ) дар давраи мавқуфияти муваққатии Палатаи қонунгузорӣ, ки дар натиҷаи пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани ваколатҳои он (пароканда шудан) ба вуҷуд омадааст, ба ҳисоб меравад.

Дар натиҷаи ворид шудани иловаҳои конститутсионӣ вазифаи назоратии Сенат барои фаъолияти мақомоти назораткунанда, ҳифзи ҳуқуқ ва хидматҳои махсус хеле пурзур мегардад. Аз ҷумла, тартиби аз ҷониби Сенат маъқул донистани аз ҷониби Сарвари давлат таъин кардани Прокурори генералӣ ва раиси Палатаи ҳисоб, инчунин машварати Президенти кишвар бо Сенат оид ба номзадии раиси Хидмати бехатарии давлатӣ ҷорӣ карда мешавад.

Дар доираи такмил додани механизми тафтиш ва мувозинат дар системаи ҳокимияти давлатӣ ҳар ду палатаи парламент салоҳияти пароканда кардани худро доранд, ки қарор дар бораи он мутаносибан бо аксарияти овози на камтар аз 2/3 шумораи умумии аъзоёни палата қабул карда мешавад. Ваколатҳои назоратии палатаҳои Олий Маҷлис, аз ҷумла бо роҳи мустаҳкам намудани ваколатҳои гузаронидани тафтиши парлумонӣ васеъ мегарданд. Бо мақсади пурзӯр намудани функсияи назоратии нақши парлумон тартиби ҳар сол шунидани Маърӯзаи миллӣ оид ба мубориза бо коррупсия ҷорӣ карда мешавад.

Низоми ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ба куллӣ тағйир меёбад. Якҷоя кардани вазифаҳои ҳокими вилоят, ноҳия, шаҳр бо вазифаи раиси Шӯрои депутатҳои халқ бекор карда мешавад. Акнун ба мақоми намояндагии маҳаллӣ раиси мустақил, ки аз ҳисоби депутатҳои он интихоб мешавад, роҳбарӣ хоҳад кард. Ваколатҳои назоратии Шӯро, аз он ҷумла оид ба шунидани ҳисоботи сарвари ҳокимияти маҳалии иҷроия ва дигар шахсони мансабдор васеъ мегардад.

Бори аввал дар сатҳи конститутсионӣ ваколатҳои ҳокимони ҳамаи сатҳҳо оид ба татбиқи тадбирҳо оид ба таъмини рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва экологии ҳудудҳо, инчунин ташаккул ва иҷрои буҷети маҳаллӣ ва ғайра мустаҳкам карда шудаанд.

Дар маҳалҳо тақсим карда шудани ҳокимияти иҷроия ва намояндагӣ асоси ислоҳоти амиқи тамоми системаи идораи давлатӣ дар мамлакат мегардад.

Мақоми Девони Вазирон ба таври назаррас тағйир меёбад, масъулияти он дар назди Президент ва Олий Маҷлис пурзӯр мегардад. Ҳамин тариқ, муқаррар шудааст, ки Девони Вазирон фаъолияти худро дар доираи самтҳои асосии фаъолияти ҳокимияти иҷроия, ки Президент муайян кардааст, амалӣ менамояд. Ҳамзамон, тартибе, ки тибқи он номзадии Сарвазирро ҳизбе, ки дар интихобот шумораи бештари курсиҳои парлумонро ба даст овардааст, ба баррасии Президент пешниҳод менамояд, бекор карда мешавад. Ба ҷои ин, бо назардошти таҷрибаи беҳтарини хориҷӣ тартиби таъини Сарвазир ва аъзои Ҳукумат аз ҷониби Сарвари давлат бо тасдиқи Палатаи қонунгузорӣ ҷорӣ карда мешавад. Ҳамзамон, номзадии Сарвазирро Президент баъди машваратҳо бо ҳамаи фраксияҳои ҳизбҳои сиёсӣ, ки дар палатаи поёнӣ намоянда доранд, пешниҳод мекунад.

Ин тағйирот ба васеъ намудани иштироки палатаи поёнии парлумон дар ташаккули Ҳукумат нигаронида шудааст, зеро дар тафовут аз тартиби ҳозира, тартиби нави таъини Сарвазир имкон медиҳад, ки фикри фраксияҳои ҳизбҳои сиёсие, ки дар палатаи поёнӣ намоянда доранд, ба инобат гирифта, ҳамфикрии қувваҳои сиёсиро дар парламент боз ҳам демократитар инъикос намояд. Қоидае ҷорӣ карда мешавад, ки мувофиқи он аз ҷониби парлумон се маротиба рад карда шудани номзадҳои ба мақоми Сарвазир пешниҳодшуда ба Президент имкон медиҳад, ки Сарвазирро таъин кунад ва Палатаи қонунгузориро пароканда намояд.

Дар баробари ин, салоҳият ва вазифаҳои Ҳукумат, масъулияти он барои ҳалли вазифаҳое, ки дар назди он дар соҳаи таъмини рушди устувори иқтисодӣ, суботи макроиқтисодӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста барои аҳолӣ, ҳифзи муҳити зист, ҳифзи сарватҳои табиӣ ва ғайра қарор доранд, хеле васеъ мегардад. Вазифаҳои Ҳукумат оид ба таъмини ошкорбаёнӣ ва шаффофият, қонуният ва самаранокии фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, баланд бардоштани сифат ва дастрасии хидматрасониҳои давлатӣ, таъмини фаъолияти пурсамари системаи ҳифзи иҷтимоӣ, аз он ҷумла, маъюбон, дастгирии институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дақиқ карда мешавад.

Умуман, тағйироти конститутсионӣ ба баланд бардоштани масъулияти мақомоти давлатӣ, инчунин таъмини иҷрои самараноки вазифаҳои онҳо нигаронида шудааст. Ба ислоҳҳои мазкур метавон ҳамчун идомаи мантиқии ислоҳоти васеъмиқёс, ки дар Ӯзбекистон татбиқ мегарданд, баҳо дод. Қабули таҳрири нави Конститутсия барои боз ҳам баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии халқ, тезонидани тараққиёти давлат ва ҷамъияти шаҳрвандӣ дар асоси принсипи «Баҳри шаъну шарафи инсон» заминаи мустаҳкам мегузорад.

**Амонулло МУҲАММАДҶОНОВ,**
**доктори фанҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд.**

***Дар ин рӯзҳои пур аз шодиву нишот ҷавонони вилояти Фарғона таҳти сарпарастии сардори Раёсати агентии кор бо ҷавонони ҷумҳурӣ дар вилояти Фарғона Муҳаммадамин Ғаниев бештар аз ҳама серкору сертараддуд мебошанд. Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бахшида ба райъпурсии умумӣ, ки 30 апрели соли равон баргузор хоҳад шуд, чорабиниҳои маърифатӣ роҳандозӣ мешаванд.***




# ӮЗБЕКИСТОН – КИШВАРИ ҶАВОНОН

Аз ҷумла, баргузории чунин чорабинӣ дар шаҳрҳои Фарғона, Қувасой, ноҳияи Ёзёвон, Риштон, Сӯх, Тошлоқ, Қува, Фарғона ва амсоли он натанҳо ҷавонон, балки намояндагони тамоми қишрҳоро гирдиҳам овард.

Зимни ин чорабиниҳо иштирокчиёни он иброз доштанд, ки ислоҳот ба манфиати мардуми кишварамон амалӣ мегардад ва он зарурати ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияро ба миён овардааст.

– Ҳар як иштирокчии ин чорабиниҳо бо дарки маънӣ ибрози фикру ақида мекунанд. Дар ҷараёни он ҳамон нукта таъкид мегардад, ки Конститутсияи оянда ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои алоҳидаи шахсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, маданию экологии ҳар як шаҳрванди ин мамлакати соҳибистиқлоламонро кафолат хоҳад дод.

Дар чорабинӣ беш аз 1 ҳазору 500 нафар намояндагони қишрҳои мухталиф фаъолона ширкат варзиданд. Ин чорабиниро барномаи фарҳангӣ ҳусни фарҷом бахшид,– мегӯяд М. Ғаниев.

Дар Ҷамъияти саҳҳомии «Фарғонаазот» низ бахшида ба таҷдиди Конститутсия як чорабинии доманфарох баргузор гардид. Дар ин чорабинӣ, ки ба таври ғайримуқаррарӣ ифтитоҳ ёфт, устоди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд Элёрбек Раҳматов, мудири шуъбаи Агентии кор бо ҷавонони ҷумҳурӣ Акмалбек Алимов оид ба тарҳи нави Конститутсия суханронӣ намуданд. Онҳо ба масъалаҳои муҳиме таваҷҷуҳи иштирокчиёни чорабиниро ҷалб намуданд, ки бевосита дар Қонуни Асосии оянда акси худро хоҳад ёфт.

Дар ноҳияи Ёзёвон бахшида ба референдум чорабинӣ хеле густурда ва бо шукӯҳу шаҳомати хос гузашт. Он таҳти шиори «Ӯзбекистон – мамлакати ҷавонҳо» сурат гирифт. Ба ин чорабинӣ ходими маъруфи фарҳанги ҷумҳурӣ, коргардони шинохта Ҳилол Насимов, актёр Исомат Эргашев, ҳунарпешаҳои кинову театр Фотима Реҷаметова, Анвар Азимов ва дигарон даъват шуда буданд.

Ногуфта намонад, ки ҳар як чорабинӣ дар шакли хос ва бо ширкати ҷавононе баргузор мегардад, ки аз ҷумлаи соҳибкорон, ҳунармандон, роҳбарони хоҷагиҳои фермерӣ, донишҷӯёни аълохон ва амсоли он ҳастанд. Аксияҳои бахшида ба референдум дар вилоят беш аз пеш доман густурдаву намояндагони қишрҳои гуногуни онро фаро мехонад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*
**Суратгир: М.ҚОДИРОВ (ӮзА).**

# СЕМИНАРИ ПАЛАТАИ ҚОНУНГУЗОРӢ

***Дар маҷлисгоҳи Донишгоҳи давлатии Бухоро бахшида ба маънидодкунии моҳияти лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон», аҳамияти меъёрҳои наве, ки шомили он гаштааст, инчунин қоидаҳои асосии гузаронидани раъйпурсӣ семинар ба амал омад.***

Дар кори он Раиси Палатаи қонунгузорӣ Н. Исмоилов, депутатҳои Палатаи қонунгузорӣ, намояндагони халқи шӯроҳои маҳаллӣ, фаъолон, намояндагони ВАО ва масъулони дахлдор иштирок карданд. Аз рӯи масъалаи гузошташуда Нуриддинҷон Исмоилов ва раиси Кумитаи институтҳои демократӣ, ташкилотҳои нодавлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрвандон Шӯҳрат Бафоев ба сухан баромаданд. Ҳангоми гузориш намояндагони халқи Шӯрои вилоят, ректори ДДБ Обидҷон Ҳамидов, раиси Садорати маркази маҷмӯи ёдгории Баҳоуддин Нақшбанд Фармон Аминов, роҳбари шӯъбаи вилоятии Маркази маънавият ва маърифат Марҳабо Пардаева ва дигарон дар бораи дар лоиҳа ифода ёфтани манфиатҳои шаҳрвандон изҳори ақида намуданд.

***

Баъд аз семинар Н. Исмоилов ва депутатҳо ба маҳаллаи «Мутаваккил Бурҳонов»-и шаҳри Бухоро ташриф оварданд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

## ХАБАРҲО

### ВОХӮРИИ СОҲИБКОРОН БО ҶАВОНОН

***Дар ноҳияи Шайхонтаҳури пойтахт таҳти ташаббуси ҳокимият ва шуъбаи ноҳиявии Ангентии кор бо ҷавонон бо мақсади ба касб ва соҳибкорӣ ҷалб намудани насли ҷавон семинар-тренинг рӯйи кор омад.***

Дар чорабинӣ бештар аз 500 нафар ҷавонон, ки ба соҳибкориву ҳунаромӯзӣ шавқ доранд, иштирок намуданд. Суҳбати онҳое, ки дар соҳибкорӣ комёб шудаанд, эътибори иштирокдоронро ба худ кашид. Дар баробари онҳо барномасозон, ки бо корчаллонҳо робитаи наздик доранд, аз таҷрибаҳои худ нақл карданд. Таъкид ёфт ҷавонон дар навбати аввал бояд касбу кореро фаро гиранд, ки ба онҳо дар давраи ҳозира талаб ва эҳтиёҷ зиёд аст. Дарсҳои маҳорат ба ҳунарҷӯ ва соҳибкорони оянда таассуроти хуб гузошт.

### ҲАМКОРИИ НОЗИРОНИ ПАТРУЛ БО МАҲАЛЛАҲО

***Бо мақсади таъмини иҷрои қарори роҳбари давлат оиди чораҳои таъмини бовариноки амнияти инсон дар роҳҳои автомобилгард ва қатъиян кам кардани ҳалокати шахс аз ҳодисаҳои нохуши роҳ бо иштироки масъулони идораи амнияти роҳи Саридораи корҳои дохилии пойтахт ва масъулони маҳаллаҳо дар ноҳияи Олмазор бо унвони «Механизми ҷорӣ намудани сохтори кори маҳаллабайъ» ҷамъомад баргузор гардид.***

Аз 64 ҷамъомади шаҳрвандии маҳаллаҳо раисон, нозирони профилактикӣ ва хидмати патрулӣ ширкат варзиданд. Мақсади асосӣ – пешгирии ҳаводиси нохуш ва садамаву бархӯрдҳо, даъват намудан ба ҳушёрӣ ва риояи қатъӣ ба қоидаҳои роҳ, беҳсозии инфрасохтори роҳу гузаргоҳҳо, ба мактаббачаҳо амиқтар омӯзондани тартиби ҳаракат дар кӯча буда, дар ҷамъомад таъкид ёфт барои ҳалли масъалаҳои мавҷуда бояд нозирони роҳ ва масъулони маҳаллаҳо якҷо кор баранд. Оиди омӯзиши роҳи ҳалли масъалаву муаммоҳо амалӣ сохтани кор аз рӯйи нақшаҳои муайян аҳамият касб хоҳад намуд. Бояд дар ҷойҳое, ки ҳаракати мошинҳо зиёд, аломатҳои роҳ гузошта шаванд. Ташкили майдонҳои машғулоти таълимӣ дар ҳудуди мак табу боғчаҳои бачагона низ аз вазифаҳои муҳим,- гуфта шуд дар гирдиҳамоӣ.

### ПОЛИКЛИНИКАИ ОИЛАВӢ ДАР МАҲАЛЛАИ ЧАРОҒОН

***Дар ҳудудҳое, ки биноҳои нави истиқоматӣ сохта шудаанд, ҳамчунин дар нуқтаҳои сераҳолӣ поликлиникаҳои оилавӣ, нуқтаҳои хидматрасонии тиббӣ ва клиникаҳо бунёд мегарданд.***

Дар маҳаллаи Чароғони ноҳияи Янгиҳаёт бинои поликлиникаи оилавии бирёрсоҳавӣ ба истифода супурда шуд. Объект тарҳи замонавӣ дошта, бо ҷиҳозу ускунаҳои тиббии асрӣ муҷаҳҳаз мебошад. Дар шифохонаи рӯзона кулли шароитҳое, ки дар статсионар мавҷуд, офарида шудаанд. Хусусан ба оилаҳои камтаъмин, ба онҳое, ки дар «дафтарҳо» номнависанд, хидматҳои хушсифати тиббии имтиёзнок расонида мешавад. Аз хидмати замонавии поликлиникаи нави оилавӣ тақрибан 11 ҳазор нафар одамон истифода менамоянд, ки дар се маҳалла истиқомат доранд.

**М.ШОДИЕВ, мухбири «Овози тоҷик».**




# СУФРАҲОИ ИФТОРӢ ОРОСТА МЕШАВАНД

***Чандин сол аст, ки ба оилаҳои камтаъмини сартосари мамлакатамон аз тарафи ҳокимияти маҳаллӣ ва шахсони саховатпеша кумаки моддиву маънавӣ расонда мешавад.***

Бо фарорасии моҳи муборари рамазон дар ноҳияи Янгийӯли вилояти Тошканд барои маълӯлон ва шахсоне, ки аз рӯйихати «Дафтари оҳанин», «Дафтари бонувон», «Дафтари ҷавонон» ҷой гирифтаанд, дастурхони ифторӣ густурда, маҳсулоти хӯроквории расонда мешавад.

Аз ҷумла, бо ташаббуси Созмони ғайридавлативу ғайритиҷоратии «Ҷамъияти ногироҳо», ҳокимияти ноҳия ва аз тарафи Бунёди ҷамъиятии хайрияи «Маҳалла» барои 150 нафар шаҳрвандони ногиро чунин дастурхон ороста шуд.

Маҳаллаҳои Обод ва Қирариқ низ дар якҷоягӣ дастурхони ифторӣ омода намуда, хатнасури 9 нафар фарзандони оилаҳои камтаъминро баргузор намуданд.

Сарвари давлат Шавкат Мирзиёев 13 марти соли ҷорӣ ба вилояти Сурхондарё ташриф оварда, оиди дар савияи баланд пешвоз гирифтани моҳи муборaки рамазон супоришҳо дода буд. Ҳоло ба мақсади иҷро намудани ин супориши роҳбари давлат дар ноҳия корҳои зиёд амалӣ мегарданд. Ба мақсади пурсамар истифода бурдан аз заминҳои холӣ ба 15 нафар заноне, ки шомили дафтари бонувонанд, аз тарафи Маркази миллии рушди хоҷагии ҳавлии назди Шӯрои хоҷагиҳои фермерӣ, деҳқонӣ ва заминҳои наздиҳавлии Ӯзбекистон замин тақсим карда шуд. Бо ташаббуси ҳокими ноҳия ба ин заминҳо тухми картошка коштанд.

Пешбинӣ мешавад, заноне, ки аз чунин имкониятҳо пурсамар истифода мебаранд, зироаткориро хуб ба роҳ монда, дар оянда соҳиби даромади зиёд мегарданд.

**Н. НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# БАРОИ ТАҲДИД ВА ҲАМЛА БА КОРМАНДОНИ ТИБ ҶАВОБГАРӢ МУҚАРРАР ШУД

***Сиҳатии ҳар як шахс сарвати бебаҳои ҷамъият буда, духтурон ҳифзкунандагони чунин сарват мебошанд. Солҳои охир дар мамлакати мо ба мақсади ҳифзи сиҳатии мардум ва таъмин намудани дарозумрии онҳо корҳои васеъмиқёс амалӣ мегарданд.***

Рағбатноксозии ходимони соҳаи тиб, ки барои ҳифз ва мустаҳкам намудани сиҳатии ҳамдиёрон фидокорона меҳнат мекунанд, ҳамеша мадди назари ҳукумат мебошад. Инро дар мисоли ислоҳоте, ки ба беҳсозии шароити кор ва тарзи зиндагонии ходимони тиб, таъмини онҳо бо хонаву ҷойи замонавӣ ва баланд бардоштани ҳавасмандии моддии онҳо нигаронида шудааст, дидан мумкин аст.

Аммо афзудани ҳолатҳои ногувор ва таҷовузҳои гуногун ба ходимони соҳа касро ба андешаву мушоҳида водор месозад. Худ бигӯед, ба духтуре, ки меҳоҳад ба бемори ба ёрии тиббӣ ниёздошта ва ё ба марг рӯ оварда кумаки тиббӣ расонад, ҳамла кардан аз рӯи инсоф аст?

Қонун «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷавобгарии маъмурии Ҷумҳурии Ӯзбекистон вобаста ба муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои монеъ шудан ба фаъолияти қонунии кормандони тиб», ки аз тарафи Президент Шавкат Мирзиёев 27 марти соли 2023 ба имзо расид, аз он ҷиҳат аҳамиятнок мебошад, ки саривақт қабул гардидааст.

Сабаб дар он аст, ки дар қонунгузории дарамал низ барои таҷовуз ба кормандони соҳаи тиб вақти иҷрои вазифа ва монеъ шудан ба фаъолияти вобаста ба расонидани ёрии тиббӣ ҷавобгарии бевосита муқаррар нашудааст. Маҳз ҳамин сабаб мешуд, ки ба гунаҳкорон ҷиҳати рафтори номатлубашон ҷазои муносиб таъин карда нашавад.

Бо ин қонун Кодекси ҷавобгарии маъмурӣ бо моддаи нави 197-7 пурра карда мешавад, ки дар он ҷавобгарии маъмурӣ барои монеъ шудан ба фаъолияти қонунии тиббии кормандони соҳа ва расонидани таъсири ғайриқонунӣ дар шаклҳои гуногун ба онҳо пешбинӣ шудааст.

Гузашта аз ин, дар байни мардум зарбулмасале низ мавҷуд аст, ки маънои «некиро бо некӣ баргардонӣ»-ро дорад. Подоши некӣ низ – некӣ аст, мегӯянд. Аз ин рӯ, ҳифзи қонунии фаъолияти табибони фидокори мо ифодаи ғамхории бузург нисбати онҳо мебошад.

Дар маҷмӯъ, қонуни мазкур ҳуқуқи кормандони соҳаи тиброро ҳифз намуда, аз даҳолатҳои гуногун ба фаъолияти касбии онҳо пешгирӣ менамояд. Он ба афзудани мақом ва нуфузи касби тиб, саривақт расондани ёрии тиббии босифат ба шаҳрвандон хизмат мекунад.

**Мавлуда ИБРАГИМОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

***Рӯзҳои охири моҳи март ҳайати намояндагони вилояти Самарқанд таҳти сарварии ҷонишини ҳокими вилоят оид ба робита бо созмонҳои ҷамоатӣ ва динӣ Баҳодур Қодиров бо мақсади иштирок дар тантанаҳои ҷашни байналмилалии Наврӯз ба шаҳри Хуҷанди Тоҷикистон рафтанд.***



# НАВРӮЗ ДАР ОН ҶОСТ, КИ ЁРОН ҲАМА ҶАМЪАНД...

Ҳайати мазкурро, ки аз аҳли илму адаб ва фарҳанг иборат буд, дар гузаргоҳи сарҳадии Саразм – Ҷартеппа муовини якуми раиси вилояти Суғд Хол Ҳайдар, раиси шаҳри Панҷакент Абдухолиқ Холиқзода, намояндагони ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамоатии ҷумҳурии бародарӣ зери садои доираю карнай пешвоз гирифтанд.

Сипас, меҳмонон ҷониби шаҳри Хуҷанд раҳсипор шуданд.

Ҳамин рӯз дар варзишгоҳи марказии шаҳри бостонӣ чорабинии ҷумҳуриявии Ҷашни Наврӯз баргузор гардид. Дар он Президент Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ кард.

Ӯ мардуми Тоҷикистон, иштирокдорони ҷамъомади тантанавӣ, аз ҷумла ҳайати намояндагони Ӯзбекистон, вакилони сафоратхона ва созмонҳои байналмилалиро ба ифтихори ҷашни Наврӯз табрик гуфта, ба хонадони мардум хушбахтӣ, файзу баракати наврӯзӣ таманно намуд.

Дар идома барномаи бошукуҳи консертӣ бо иштироки сарояндагони маҳбубу маъруфи кишвар, аз ҷумла ҳунарпешаҳои халқии Тоҷикистон Исроил Файзиддинзода, Тӯлкин Тоҷибой, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Муҳаммадрофеи Кароматулло, узви ансамбли «Дарё» Нигина Амонқулова ва дигарон доир гардида, ҳунари минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон дар жанрҳои мухталиф, аз ҷумла помирӣ, хатлонӣ ва суғдӣ намоиш дода шуд. Ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистон Оғобек Собиров низ бо гулчини таронаҳои дилангези худ табъи иштирокдоронро болида сохт.

Баробари барномаи консертӣ намоишҳои ҷолиб, ки ифодагари дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон, таҷассуми расму оин ва суннатҳои неки наврӯзӣ буданд, пешкаш шуданд.

– Наврӯзи оламафрӯз, ки ҳоло ҷашни ҷаҳонист, дар бисёр кишварҳои олам таҷлил мегардад, – гуфт артисти халқии ҳарду ҷумҳурӣ Мардон Мавлонов. – Наврӯз ҷашни эҳёи табиат, покию нафосат, ватандӯстию ватанпарварӣ, орзуву умед, дӯстиву рафоқат, меҳру муҳаббат ва фароҳдиливу ҳамҷиҳатӣ мебошад. Фалсафаи Наврӯз хусусияти созандагӣ ва сарҷамъӣ дорад. Шоире ба ин маънӣ фармудааст:

*Наврӯз дар он ҷост, ки ёрон ҳама ҷамъанд,*
*Ёрон ҳама ҷамъанду ҳазорон ҳама ҷамъанд.*

Оре, Наврӯз қодир аст халқҳоро ба ҳам оварад, робитаҳоро пойдор намояд, риштаҳои дӯстиро мустаҳкам созад. Имрӯз мо – аҳли фарҳанги Ӯзбекистон ба Тоҷикистон омадем, то дар ин ҷашни сулҳу дӯстӣ иштирок кунем. Ҳар як баромади санъаткорон, ҳунарнамоии зебои раққосаҳо, намоишҳои идонаи писарон ва гулдухтарон, баромади дастаҳои фолклорӣ, нашъаи баҳорона, дӯстона дошт, ки табъи моро низ болида сохт. Аз оғози тадбир то анҷом зери савту навои дилкаш рақсидем, хурсандӣ кардем. Бовар дорем, ки дӯстиву рафоқати кишварҳои мо беш аз пеш мустаҳкамтар ва доираи робитаҳои фарҳангӣ васеътар мешаванд, ҳамчунин иштироки намояндагони давлатҳо дар чунин чорабиниҳои идона бамаротиб меафзояд.

Ҷашни зебову дилорои Наврӯз бо мушакпарронӣ ҳусни анҷом гирифт.

**Фаридун ЮЛДОШЕВ,**
*САМАРҚАНД – ХУҶАНД – САМАРҚАНД.*

# ОЗМУНИ ШЕЪРХОНӢ ҶАМЪБАСТ ГАРДИД

*Кӯҳҳои Ӯхм баланд аст,*
*Азиму дилписанд аст.*
*Аз қуллаҳо намоён,*
*Замини Самарқанд аст...*

Ин сатрҳои содаи шеърӣ ба қалами омӯзгори куҳансол Ҷониқул Рӯзиев мансуб аст. Як силсила шеърҳои ӯ аз китобҳои «Шарораи хотираҳо»-и Ҳотам Бозоров ва «Чашмаи зиндагонӣ»-и Холназар Ӯролзода (руҳу равони ҳарду шод бод!) ва дигар ҷой гузидаанд. Ашъори Рӯзиев содаву равон аст ва дар онҳо бештар табиати диёри зебо, манзараҳои деҳ васф карда шудаанд...

Ибтидои соли ҷорӣ дастпарвари Донишгоҳи давлатии Самарқанд, донандаи хуби технологияи коммуникатсионӣ, алҳол пажӯҳишгари ҷавон, омӯзгор дар шаҳри Самарқанд Раҳматулло Шокиров оид ба ифоданок қироат намудани шеъри «Деҳаи ман»-и Рӯзиев дар як саҳифаи иҷтимоии телеграм озмун эълом карда буд. Иштирокчиён метавонистанд чи бо шакли сабт, чи бо навори видеоӣ қироати шеърро ба ҳайат пешкаш мекарданд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Тӯли ин муддат пиру барно қобилияти худро дар ин ҷода санҷиданд.

Ҳайат зимни баҳогузорӣ иштирокчиёнро аз нигоҳи синну сол чунин тақсимбандӣ кард: хурдсолон, хонандагони синфҳои ибтидоӣ, синфҳои болоӣ, донишҷӯён ва калонсолон.

– Дар ҳоле ки мардуми мо, хурду калон аз мутолиаи китоб, рӯзнома, маҷалла як андоза дур шудаанд ва ба ин байти машҳури шоир:

*Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,*
*Донистани сад забон осон гардад.*

чандон амал наменамоянд, нисбат ба арзишҳо беэътиноӣ зоҳир менамоянд, зебоиҳои диёрро дуруст дарк намекунанд, назди худ ҳадаф гузоштем, ки бо ҳамин роҳҳо дубора онҳоро ба забон, фарҳанги миллӣ дилгарм созем ва дар ин роҳ ба натиҷаи нахустин расидем, гӯем муболиға намешавад,– андешаву мулоҳизаҳои хешро боре ба ҳам дид Раҳматулло Шокиров. – Аз ин рӯ, кӯшиш кардем, ки батадриҷ аз сода ба мураккабӣ гузарем...

Ҳайати ҳакам ба ҳамаи иштироккунандагон баҳогузорӣ намуданд ва аз миёни хурдсолон Соҳиба Сафарова ва Фотима Тӯймуродоваи 5,5-6-соларо ба ҷойҳои аввал муносиб донистанд. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ Дилнура Амонова (мактаби рақами 14), Дилфуза Хурсандбоева (49) ва Сабина Элмуродова (46), аз синфҳои болоӣ бошад, Авазхон Шодибоев (мактаби рақами 31), Ганҷина Гулмуродова ва Ҳасан Дӯнабоев (мактаби 46) низ ба муваффақиятҳо ноил гардиданд.

Агар аз миёни донишҷӯён Илёс Каримов, Мирхон Қӯшоқов, Муслимбек Дилмуродов ва Сабина Дилмуродова аз рӯи се ҷойи аввал ғолибиятро ба даст оварда бошанд, аз калонсолон Холибек Йӯлдошев (омӯзгори мактаб) ва Субҳондиёр Ниёзов дастболо гардиданд. Ҳамаи онҳо бо ташаккурнома, китобу туҳфаҳо сарфароз гардонида шуданд.

– Дар ин кори нек ба мо Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилоят фарзанди Ҷониқул Рӯзиев – ноиби саримом-хатиби вилоят Ботурхон Рӯзиев, рӯзноманигорон Фаридуни Фарҳодзод, Фарҳод Неъматов, устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд Нодир Қаюмов, омӯзгор Тиллобек Шокиров, китобдори мактаб Холбой Шомуродов бисёр кумак намуданд, ки аз ин сипосгузорем,– мегӯяд Раҳматулло Шокиров.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

*Пажӯҳиш*

# БУХОРО ДАР ШЕЪРИ ШОИРОНИ ФОРСУ ТОҶИК

Бухоро шаҳри бостонӣ, бархурдор аз шоирон, нависандагон ва донишмандони бузург ва хушфикр, мардумони наҷиб, ором ва меҳмоннавоз, яке аз гаҳвораҳои бузурги илму фарҳанг ба шумор меравад.

Ин шаҳри куҳан, ки аз гузаштаҳои дур бо номи Бухорои Шариф машҳур буда, мавриди таваҷҷуҳ ва алоқаи шоҳон ва сипаҳсолорон, бозургон ва гардишгарон, нависандагон ва донишмандони кишварҳои мухталифи ҷаҳон будааст ва ҳар касе ба равише ин шаҳрро тавсиф ва таҳсин намудааст.

Шуаро ва адибони форсигӯйи Эрон ва Фарорӯд низ шаҳри зебои Бухороро дар ашъору навиштаҳои худ сутуда ва ҳар кадом аз онҳо аз зовия ва даричаи фикрии худ Бухороро дида ва ситойиш кардаанд.

Ҳамаи ин васфҳо, хотирот, навиштаҳо ва ашъор ганҷинае арзишманд барои дастандаркорони фарҳанг, ҳунар ва гардишгарист.

Бештарини васфҳо ва ситойишҳо аз ин шаҳр дар ашъори Рӯдакӣ, Мавлоно ва Сайидо Насафӣ дида мешавад. Албатта, ҳамаи инҳо зебо ва хонданӣ ҳастанд.

Машҳуртарин шеър дар бораи Бухоро аз Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ (858-941), падари шеъри форсист, ки бештари мардум бо он ошно ҳастанд:

*Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,*
*Ёди ёри меҳрбон ояд ҳаме.*

*Реги Омуву дуруштиҳои роҳи ӯ,*
*Зери поям парниён ояд ҳаме.*

*Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст,*
*Хинги моро то миён ояд ҳаме.*

*Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,*
*Мир наздат шодмон ояд ҳаме.*

Ва дар идомаи шеър Рӯдакӣ бо ибрози алоқаву муҳаббати худ ба Бухоро, онро ба осмону бӯстон ташбеҳ мекунад ва месарояд:

*Мир моҳ асту Бухоро осмон,*
*Моҳ сӯйи осмон ояд ҳаме.*

*Мир сарв асту Бухоро бӯстон,*
*Сарв сӯйи бӯстон ояд ҳаме.*

Абусаид Абулхайр (967-1049) ориф ва шоири асрҳои X-XI аз бӯйи гулу насими атрогини ин сарзамин мегӯяд ва шеъри Рӯдакиро замзама мекунад:

*Ҳар бод, ки аз сӯйи Бухоро ба ман ояд,*
*Бо бӯйи гулу мушку насими суман ояд.*

Абулқосим Фирдавсӣ (934-1024) шоири бузурги асрҳои X-XI аз гузаштаи Бухоро бо ҳасрат ва афсӯс ёд мекунад ва месарояд:

*Бухорову Хоразму Омуву Зам,*
*Басе ёд дораме бо дарду ғам.*

Фаррухии Сиистонӣ (ваф. 1037) шоири дигари асрҳои X-XI аз Бухорову Самарқанд ҳамчун чашми кишвар ёд кардааст:

*Бухорову Самарқанд аст рӯйу чашми он кишвар.*

Носир Хусрави Қубодиёнӣ (1004-1088) – шоири асри XI – дар шеъраш ишора ба бузургон ва фуқаҳои шаҳри Бухоро ва арзиши илму дониш дар ин сарзамин дорад:

*Зебо ба илм шав, ки на зебост*
*Он кас, ки ӯ ба дунё зебо шуд.*

*Ӯро маҷӯву илм талаб, зеро*
*Бас кас, ки ӯ фирефта ба ово шуд.*

*Ғурра машав бад-он, ки касе гӯяд*
*Ба ҳамон фақеҳи Балху Бухоро шуд.*

Амир Муиззии Нишопурӣ (1072-1127) шоири асрҳои XI-XII дар шеъре бар аҳамияти шаҳри Бухоро таъкид ва аз он дар канори Маккаву Ғазнину Самарқанд ном мебарад:

*Бар байъату паймони ту сад нома расидаст,*
*Аз Маккаву Ғазнину Самарқанду Бухоро.*

Қатрони Табрезӣ (1012-1072) шоири асри XI аз Табрезу Бухоро ба бузургӣ ёд мекунад:

*Чу ту маҷлис ороиву ҷом гирӣ,*
*Зи Табрез зарин кунӣ то Бухоро.*

Амир-уш-шуаро Шаҳобиддин Амъақи Бухорӣ (ваф. 1147) шоири асрҳои XI-XII аз шаҳри Бухоро ба некӯӣ ёд карда ва ба он дуруду салом мефиристад:

Ки рӯй сӯйи Бухоро ниҳоду гуфт ба меҳр:

*Аё Бухоро, бар ту дуруд боду салом.*
*...*
*Аё Бухоро, чандин бузургворӣ ту,*
*Туро чи мояи сано асту иззу ҷоҳу мақом.*

Рашидаддини Ватвот (1087-1182) шоири асри XII Бухороро сарзамине атрогин ва шаҳри саховатмандон, бахшандагон ва донишҷӯён дониста ва аз он ба биҳишти рӯйи замин таъбир мекунад:

*Ту сокинӣ ба шаҳри Бухорову аз сахот,*
*Андар билоди Машриқу Мағриб хабар шудаст.*

*Дар равзаи ҷалоли ту ризвони дигаре,*
*В-аз фарри ту Бухоро хулди дигар шудаст.*

(Давомаш дар саҳ.4).

*Мактаби варзишии рақами 2-юми шаҳри Нукус тибқи қарори Президент Шавкат Мирзиёев «Дар бораи чорабиниҳо доир ба ташкили муассисаҳои давлатии варзишию таълимӣ тибқи сохтори нав« аз нав созмон дода шуд.*

*Дар маҳфилҳои мактаб бадминтон, волейбол, баскетбол, гандбол, регби, футбол, тирандозӣ, камонварӣ, шамшербозӣ, дзюдо, атлетикаи вазнин, бокс, таэквондо WTF, панҷ гӯштини замонавӣ, тенниси рӯйимиз, теннис, гӯштини озод, триатлон, велосипедронӣ ва ҳоказо, ки ҷамъ 45-тоанд, 3736 нафар писарону духтарон иштирок менамоянд.*

*Тарбиягирандагони мактаби варзишӣ соли сипаригардида дар мусобиқаҳои бонуфузи сатҳи Қароқалпоқистон, мамлакат ва ҷаҳонӣ ширкат ҷуста, соҳиби 272 медал гардиданд. Аз ин 59-тоаш медали тилло, 54-тоаш нуқра ва 137-тоаш биринҷӣ мебошад.*

***Дар акс:*** *дар мактаби варзишии рақами 2-юми шаҳри Нукус.*

***Аксбардор: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***



*Туҳфаи Рамазон*

# АЛЛОМАЕ, КИ БУХОРОРО «ҚУББАТ-УЛ-ИСЛОМ» КАРДААСТ

## Фиқҳшиноси номвари олами ислом

**СИЛСИЛАИ ШАРИФ**

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

Писари ин донишманди бузург Абуҳафси Сағир (Абуҳафси хурд) мисли падар пешвои илми фиқҳ буд. Номи ӯ дар баъзе манбаъҳо Фақеҳ Абуабдуллоҳ низ қайд шудааст. Номи пурраи ӯ Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Ҳафс аз-Зибарқон ал-Бухорӣ аст. Ӯ муаллифи китоб оиди ақидаи ислом ва фалсафа «Ал-Имон» мебошад. Китоби дигари ӯ доир ба илми фиқҳ «Фатовии Абуабдуллоҳ» яке аз манбаъҳои муътабари илми ҳуқуқшиносии ислом мебошад. Дастнависи он дар фонди дастнависҳои китобхонаи электронии «Мустафоия»-и Миср таҳти рақами 071005 нигоҳ дошта мешавад. Нашри илмиву интиқодии асари мазкур бо номи «Абуабдуллоҳ ал-Бухорӣ ва масоилуҳу ал-иҷтиҳадия ва ихтияратуҳу ал-фиқҳия» («Абуабдуллоҳи Бухорӣ ва масъалаҳои муҷтаҳидии ӯ ва фиқҳи ихтиёрӣ») дар яке аз мамлакатҳои араб рӯйи чопро дидааст. Баробари ҳамин, ӯ муаллифи асарҳои «Ал-аҳво ва-л ихтилоф» («Гапҳои ҳавоӣ ва номуросоиҳо»), «Ар-радду алал-лафзийя» («Раддия ба нигоҳҳои сатҳӣ») мебошад, ки масоили илми каломро васеъ ва равшан шарҳу эзоҳ намудааст.

Аммо тақдири чунин китобҳо барои аҳли илми имрӯз номаълум монд.

Абуҳафси Сағир, ки мардум ӯро чун донишманди замон, обид, фақеҳ, валиюллоҳ мешинохтанд, мисли падари бузург дар паҳншавии мазҳаби Ҳанафия дар Осиёи Миёна ҷоннисориҳо кард. Дар аввали асри IX дар Хуросон вақте ки ноибӣ кардан ба дасти Тоҳириён гузашт, онҳо кӯшиш намуданд, ки сиёсати мустақилона баранд. Ҳукмронии арабҳо ниҳоя ёфта, ҳукумат ба дасти ҳокимони маҳаллӣ гузашта бошад ҳам, аз чунин ҳол аҳволи мардум беҳ нагардид. Додари ноиби Хуросон Ҳусайн ибни Тоҳири Атоӣ баъд аз ба даст даровардани Хоразм, дар он ҷо лашкари зиёд ҷамъ овард ва баъд, соли 874 ба Бухоро юриш кард. Мардуми шаҳр бар зидди истилогарон муборизаи зиёд бурданд, вақте ки пирӯзии онҳо наздик омад, Ҳусайн ибни Тоҳир эълон кард, ки ба аҳли шаҳр амонӣ медиҳад. Мардуми мусаллаҳгардида надонистанд, ки ин ҳилла аст ва майдони ҷангро тарк карданд. Душман аз ин истифода бурд ва мардумро аз дами шамшер гузаронд, шаҳрро тороҷ кард. Дар чунин лаҳзаҳои пурталотум Абӯҳафси Сағир ба шоҳи Самарқанд Наср ибни Аҳмади Сомонӣ нома фиристода, хоҳиш намуд, ки ба Бухоро ҳоким фиристонад. Шоҳи Самарқанд дар муддати кӯтоҳ додари худ Исмоил ибни Аҳмади Сомониро ҳамчун амири Бухоро таин кард.

Амири нав вақте ба Бухоро омада дид, ки шаҳр ба вайрона табдил ёфтаасту нooром, пушаймон гашт. Аммо Абуҳафси Сағир ва донишмандони дигар ӯро дилбардорӣ карданд, бо маслиҳатҳои худ ба корҳои идора кумак расонданд. Исмоили Сомонӣ заминҳои калоне, ки пештар дар тасарруфи заминдорони араб буд, харида гирифт ва онро чун вақф ва иқта ба уламову сарватмандони маҳаллӣ тӯҳфа кард, дар натиҷа ҳукумати ӯ мустаҳкам гардида, дар Мовароуннаҳру Хуросон давлати мустақил бунёд гардид.

Абуҳафси Сағир, ки Исмоили Сомониро дастгирӣ мекарду маслиҳатгари ӯ буд, соли 264-уми ҳиҷрӣ (877-и милодӣ) вафот кард. Ӯро дар назди қабри падараш дафн карданд.

Набераи Абуҳафси Кабир Абдуллоҳ ибни Ҳафс низ донишманди илми фиқҳ буд.

Тавре ки маълум аст, қабристон қисми ҷудонопазири маданияти ислом буд. Чунки аз рӯйи таълимоти дини ислом инсон пас аз марг низ азизу муътабар аст. Шустану дафн кардани майит низ қонуну қоидаҳои худро дорад. Пас аз тасаллути дини ислом дар Бухоро одамон майитро дар асоси русуми ислом дафн кардаанд. Бо мурури замон дар натиҷаи зиёдшавии аҳолӣ мазорҳо низ зиёд шудаанд.

Дар манбаъҳои таърихӣ дар Бухоро воқеъ будани чандин мазори муборак қайд шудааст. Мақбараи «Қуззоти сабъа» (Ҳафт қозӣ) дар маҳаллаи Калобод, дар Мазори судур, ки дар наздикии он ҷойгузин будааст, фақат амиру бузургон дафн мешуданд, «Биҳиштиён», «Ҳавз ул-миқдом», «Мазори дол», «Мақбарати боби Мансур» (Мазори дарвозаи Мансур), «Боб-ул-маҷус» (Дарвозаи маҷусиён), «Мазори фағсодара», «Мазори фақиҳ Абуҳафси Кабир» аз ин ҷумла мебошанд. «Мазори фақиҳ Абуҳафси Кабир» ба зиёратгоҳ табдил ёфта, ба он номи «Тариқ-ул-ҳақ» (Роҳи ҳақ)-ро додаанд. Чунки одамон ба ин ҷо фатвоҳояшонро бурда, аз рӯйи одат истихора мекарданд. Ин қабристонро мардум чун зиёратгоҳи бузург азиз медонистанд, дар ин ҷо дафн шуданро барои худ ифтихор ҳисобида, умед мекарданд, ки дар рӯзи қиёмат бо Абуҳафси Кабир дар якҷоягӣ сар мебардоранд.

### ПАНДУ НАСИҲАТ ВА ФАТВОИ АБУҲАФСИ КАБИР

Фақеҳ Абуллайс ас-Самарқандӣ дар китоби «Танбеҳ-ул-ғофилин» якчанд ҳикмати Абуҳафсро ба тариқи мисол овардааст:

«Даҳ чиз дараҷаи олимро баланд мебардорад: тарс аз Офаридгор, панду насиҳат ба мардум, бо раҳму шафқат будан, тоқат ба мусибат, сабр, ҳалимӣ, тавозӯъ, хиёнат накардан ба амонат, мутолиаи китоб, кам будани дарвозабон, яъне манъ набудан ба даромадан аз дарвозаи ӯ, ба шоҳу гадо баробар кушод будани дарвозаи донишманд. Чунки ба мо хабар расидааст, ки Довуд (а) аз бераҳму бешафқатии дарвозабонон дучори санҷишҳо гардида буд».

***

Абуҳафс мегӯяд: «Барои даҳ тоифаи одамон даҳ чиз бад аст: шитобкорӣ барои шоҳ, чашмгуруснагӣ барои сарватманд, тамаъ барои донишманд, ҳирсу ҳавас барои фақир, набудани шарму ҳаё ба номварон, худро чун хурдсол доштани пиронсолон, худро мисли мард доштани зан ва худро мисли зан доштани мард, ба дари аҳли олам омадани зоҳидон ва ба ғафлат мондани одамон».

***

Дар «Чаҳор китоб» чунин навишта шудааст: «Бояд бидонӣ, ки омӯхтан ва аз бар намудани масъалаҳои зерин барои ҳар як мусалмон шарт аст. Имом Абуҳафси Бухорӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) фармудаанд: Агар ҳар як намозхон намоз бихонаду фарзи онро пурра адо намояду номи ин фарзҳоро надонад, намози ӯ дуруст намешавад».

***

Фақеҳ Алоуддини Бухорӣ, ки дар асри XIII дар Бухоро ба сар бурдааст, дар китоби «Ҳайрат-ул-фуқаҳо»-и худ чунин фатвои Абуҳафси Кабирро меорад:

Аз Хоҷа Абуҳафси Кабир (раҳматуллоҳи алайҳ) пурсидаанд, ки: Ба кӣ додани закот беҳтар аст: ба дарвеш ё қарздор?

**(Давом дорад).**

**Абдулғафур Раззоқи БУХОРӢ,**
**мударриси мадрасаи Мири Араби Бухоро.**

**Комилҷон РАҲИМОВ,**
**ходими калони илмии Институти шарқшиносии ба номи Абурайҳони Берунӣ, доктори улуми таърих.**

*Аз таърихи мактаб*

# ҲАМА ШОД МЕГАШТ

То солҳои шӯравӣ мактаби замонавӣ вуҷуд надошт. Талабагон дар масҷиду мадрасаҳо таълим мегирифтанд ва он ҷойҳо як макони муқаддас ба ҳисоб мерафт. Бинобар ҳамин, ҳангоми аз ин гуна ҷойҳо гузаштан одамон даст ба дуо мебардоштанд. Ҳоло ҳам ин анъанаро баъзеҳо ба ҷо меоранд. Ин як намуди эҳтиром ба макони таълиму тарбия аст.

Ман то синфи ёздаҳ дар мактаби рақами 33-юми ноҳияи Самарқанд таҳсил гирифтаам. Ин мактаб таърихи бой дорад. Он солҳои тӯлонӣ ба номи нависандаи маъруфи рус Максим Горкий буд.

Агар ба таърихи ин мактаб назар афканем, он аз тарафи шахси маърифатпарвар, донишманд Алихонбобо Акобиров бо ёрии шариконаш Султон Мавлонов ва Фатҳулло Амонуллоев дар ҳавлии калони Файзуллобойи равонакӣ барои 15 нафар талабагон (фарзандони деҳқонон) сохта шуда буд. Дар ин бора ҳатто рӯзномаи ҳамонвақтаи «Ленин байроғи»-и ноҳияи Комсомол (ҳоло ноҳияи Самарқанд) соли 1957 мақола ва суратҳо) чоп карда буд. Дар мақола бо номи «Шахсони нурафканандаи маърифати қишлоқ» оварда шудааст: «Бори аввал дар маҳаллаи Равонак соли 1919 барои 15 нафар як синф ташкил гардид. Кушода шудани мактаби шӯравӣ дар байни рӯҳониёни қишлоқ сабаби ғавғоҳои калоне шуд. Онҳо бо дандону нохунҳои худ бар зидди кушодашавии мактаби советӣ зид баромаданд.

Алӣ Акобиров, Фатҳулло Амонуллоев барин шахсони маърифатпарвар афсонаи рӯҳониёнро фош карда партофтанд. Онҳо фарзандони деҳқононро ба мактаб ҷалб карданд. Ин мактабе, ки дар даври ниҳоят вазнини муборизаи байни синфҳо ташкил карда шуд, бар зиддияти бойҳо нигоҳ накарда, васеъ гардид. Дар он шумораи хонандагони фарзандони деҳқонон зиёд шудан гирифт. Вале дар ҷалби духтарон душвориҳо пеш омаданд. Баъзе духтароне, ки ба остонаи мактаб қадам гузоштанд, аз тарафи рӯҳониён ваҳшиёна кушта шуданд. Дар соли 1924 дар мактаб танҳо ду нафар духтари маҳаллӣ мехонд.

Дар деҳа баробари мустаҳкам шудани ҳокимияти шӯравӣ шумораи хонандагони мактаб ҳам зиёд шуданд. Акнун ба онҳо ҳеҷ гуна афсона ва дӯғу пӯписаҳо таъсир намекард. Дар ҳоли ҳозир дар шӯрои қишлоқ 1 мактаби миёна ва 3 мактаби ҳафтсола мавҷуд. Шумораи хонандагони ин мактабҳо назар ба соли 1919 104 маротиба зиёд аст. Дар мактабҳои қишлоқ баробари писарон 712 нафар духтарон ҳам таълим мегиранд...»

Чи тавре ки олими барҷаста, профессор Холиқ Мирзозода ва насли калонсол иброз доштанд, ин мактабу клуби боҳашамати маҳалла бо ташаббуси Алихонбобо Акобиров ва бо ёрии якчанд нафар фаъолони деҳа сохта шудаанд.

Алихонбобо Акобиров оила бунёд накард ва зану фарзанд ҳам надошт. Вай дар ҳаёт муҷаррад гузашта бошад ҳам, корҳои некеро ба анҷом расонида, аз худ номи неке боқӣ гузошт. Вай якчанд таноб боғи падарашро фурӯхта, ба бунёду сохтмони ҳамин мактабу маҳалла сарф кард...

Мактаб якчанд шахсони намоёнро тарбия карда, ба воя расонидааст. Барои намуна якчанд нафари онҳоро мисол меорем:

Холиқ Мирзозода, – профессор, доктори фанҳои филологӣ, муаллифи чандин китоби дарсии мактабҳои миёна ва олӣ; Акбар Аҳтамов – профессор, доктори фанҳои фалсафа, мудири кафедраи Институти тиббии Самарқанд; Масъуд Аҳтамов – профессор; Файзулло Амонуллоев – профессор, доктори фанҳои биология; Дарвин Амонуллоев – профессор, падари оҳангсоз Дилором Амонуллоева; Мираббос Аминҷонов – профессор, мудири шуъбаи Институти тадқиқоти илмии қарокӯлпарварӣ; Гадойқул Тӯраев – афсари калони солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон; Раҳмон Раҳматзода – афсари солҳои ҷанг, сармуфаттиши Садорати корҳои дохилии вилоят; Раҳматулло Шарифзода – Аълочии маорифи халқи ҷумҳурӣ, журналист ва нависанда; Толибҷон Аҳтамов – профессор; Рустам Облоқулов – дотсент; Қурбонбой Шарифов – дотсент; Ҳабиб Шарофов – Агрономи хизматнишондодаи ҷумҳурӣ; Дамир Баҳромов – соҳибкори намоён, ҳомии имрӯзаи мактаб ва фаъоли маҳалла...

Имрӯзҳо сарварии ин таълимгоҳро омӯзгори пуртаҷриба Мамлакат Равшанова ба ӯҳда дорад. Бо ташаббуси ин роҳбари чашмикордон мактаб торафт ободу зебо мегардад. Дар мактаб толори калони замонавии варзишӣ, маҷлисгоҳ, ошхона, синфхонаҳои махсуси забони русӣ, логопед, компутер ва ғайраҳо сохта шудаанд. Дар ҳамаи ин кору муваффақиятҳо саҳми директори мактаб ва марди саховатпеша Дамирҷон Баҳромов калон аст.

Аҳли деҳаҳои Равонак, Шӯрбоӣ ва Қӯлба пешниҳод доранд, ки мактаби рақами 33 ба номи Алихонбобо Акобиров гузошта шавад ва умед дорем, ки ин таклиф ба инобат гирифта мешавад.

**Шодмон АМОНУЛЛОЕВ,**

*деҳаи Равонаки*
*ноҳияи Самарқанд.*

# АНҶУМАНИ ҶАШНИИ ШОИР

***Дар факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Бухоро ба муносибати 90-солагии шоир, журналист ва тарҷумон Асад Гулзодаи Бухороӣ таҳти унвони «Навое аз Бухоро» анҷумани илмию адабӣ ба амал омад. Дар он устодону донишҷӯён, меҳмонон, мухлисони шоир, ҳамкасбон ва наздикони Асад Гулзода иштирок карданд. Ин тадбир бо ташаббуси Маркази миллии фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ, Маркази миллии мадании тоҷикону форсҳои вилояти Бухоро – «Офтоби суғдиён», шуъбаи вилоятии Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон сурат гирифт.***

Депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, номзади илмҳои филологӣ, профессор Таваккал Чориев дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Асад Гулзодаи Бухороӣ таваққуф намуд.

Ректори ДДБ, профессор Обидҷон Ҳамидов дар бораи дӯстии қадимии халқҳои тоҷику ӯзбек, ҳамкориҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон, аз ҷумла алоқаҳои дӯстонаи ДДБ ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳарф зада, ба Асад Гулзода ҳамчун давомдиҳандаи анъанаи эҷоди шеъри тоҷикӣ дар диёри Рӯдакию Абӯалӣ ибни Сино хилъати зардӯзӣ пӯшонд.

Раиси шуъбаи вилоятии Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон Шодмон Сулаймон таърихи зиёд доштани анъанаи дузабонӣ ва хидматҳои шоир Самандар Воҳидро бобати аз забони тоҷикӣ ба ӯзбекӣ тарҷума карда, дастраси авлоди имрӯза гардондани намунаҳои эҷодиёти шоирони классикии тоҷик аз Рӯдакӣ то Айнӣ таъкид кард. Сипас, ӯ дар мисоли эҷодиёти Асад Гулзода ва дигарон дар Бухоро имрӯз низ идома ёфтани эҷодиёти бадеии тоҷикӣ изҳори ақида карда, мужда расонд, ки аъзои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Асад Гулзода ба узвияти Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон пазируфта шуд ва гувоҳномаи аъзогиро ба шоир супурд.

– Солҳои 80-уми асри гузашта мо шогирдони мактаби миёна шеърҳои шуморо мехондем, – арзи сипос намуд роҳбари шуъбаи тоҷикии Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон дар Самарқанд, сармуҳаррири маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» Асадуллоҳ Исмоилзода. Ӯ шеъри ба А. Гулзода бахшидааш – «Ду шери худогоҳем»-ро қироат намуд ва ба шоир ҷомаи самарқандӣ пӯшонда, шумораҳои нави маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ»-ро туҳфа кард.

(Давомаш дар саҳ.4).

# БУХОРО ДАР ШЕЪРИ ШОИРОНИ ФОРСУ ТОҶИК

(Аввалаш дар саҳ.3).

Сӯзании Самарқандӣ (1100-1173) шоири ҳазлсарои асри XII Бухороро ҳамчун биҳишт дониста ва гуфта, ки мардуми ин шаҳр меҳмоннавоз ва ҳақгӯ ҳастанд:

*Бар ту, меҳмон, нисор кардан ҷон,*
*Бар худованди хона осон аст.*
*...*
*Ҳақ, кай гузоштӣ, ки Бухорои чун биҳишт*
*Вайрон шавад ба ҷумла маштии ҷаҳаннамӣ.*
*...*
*Дареғ шаҳри Нишопуру боғу бӯстонам,*
*Дареғ шаҳри Бухорову кӯйи абкорам.*

Авҳадиддини Анварӣ (1126-1189) шоири асри XII аз ҳасратҳову умедҳои худ гуфта ва сурудааст:

*Ташнагони ҳудуди оламро*
*Дар яке ҷом кай кунад сероб.*

*Дар Самарқанду Бухоро ҳаст*
*Қадре мулку андаке асбоб.*

Низомии Ганҷавӣ (1141-1209) шоири асри XII дар «Искандарнома» Бухороро шаҳри қалам ва дониш дидааст:

*Дабирон, нигар, то ба рӯзи сапед*
*Қалам тарошанд аз мушки бед.*

*Ниҳони маро ошкоро баранд,*
*Зи Ганҷа аст агар, то Бухоро баранд.*

Фаридиддин Аттори Нишопурӣ (1146-1221) шоир ва орифи асри XII-XIII дар китоби «Илоҳинома» дар бораи пиру фарзонаи Бухороӣ ҳикояте хонданӣ ва пандомӯз дорад:

*Чу шуд бар Рӯдакӣ роз ошкоро,*
*Аз он ҷо рафт то шаҳри Бухоро.*

Дар достонҳо ва ҳикоятҳои пандомӯзи китоби «Асрорнома»-и навиштаи Муҳаммад ибни Мунаввар шоири асри XII борҳо аз номи Бухоро ба некӣ ёд шудааст. Ҳамчунин дар китоби «Чаҳор мақола»-и Низомии Арузии Самарқандӣ (ваф. 1160) чанд бор номи Бухоро ба бузургӣ ва шукӯҳ омадааст.

Камолиддин Исмоили Исфаҳонӣ (1172-1237) шоири асрҳои XII-XIII аз рӯъёҳо ва хаёлҳои худ гуфта ва дар шеъре аз Бухоро ва Исфаҳон ёд мекунад:

*Ман аз хаёли ту шармандаам, ки ӯ ҳар шаб*
*Барои ман зи Бухоро ба Исфаҳон ояд.*

Ҷалолиддини Балхии Румӣ (1207-1273) шоир ва орифи бузурги асри XIII дар чанд ҷойи «Маснавии маънавӣ»-и худ аз шаҳри Бухоро ба сифати манбаи дониш ёд кардааст:

*Ин Бухоро манбаъи дониш бувад,*
*Пас Бухороист ҳар к-ониш бувад.*
*...*
*Гарчи ин ошиқ Бухоро меравад,*
*На ба дарсу на ба усто меравад.*
*...*
*Эй Бухоро, ақлафзо будаӣ,*
*Лекин аз ман ақлу дин бирбудаӣ.*

Сайфиддин Муҳаммади Фарғонӣ аз шоирони вораста ва орифмаслаки асри XIII дар шеъраш мубориза давлатҳои Қарохониён ва Ғазнавиёнро барои ба даст овардани шаҳри Бухоро ёдоварӣ мекунад:

*Куҷо сарири Бухоро расад ба Илекхон,*
*Сабуктакин чу занад баҳри Оли Сомон теғ.*

Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492) ориф ва шоири асри XV дар китоби «Баҳористон»-и худ зодгоҳи бисёре аз донишмандону шуароро сарзамини Бухоро медонад. Ӯ дар китоби «Ҳафт авранг» ба хоки поки Бухоро ишора мекунад ва месарояд:

*В-он гуҳари пок на ҳар ҷо бувад,*
*Маъдани он хоки Бухоро бувад.*

Амир Алишери Навоӣ (1441-1501) шоир ва сиёсатмадори асри XV дар девони ашъори форсии худ ва тавсифи шумори ҳадисҳои саҳеҳе аз шаҳри Бухоро ба бузургӣ ва шукӯҳ ёд кардааст:

*Аз аҳодисат саҳеҳиро равот андар рақам,*
*Бору боб аз ҳадди Батҳо то Бухоро афкананд.*

Яке аз беҳтарин ҳикоятҳои пандомӯзи Шайх Баҳоӣ (1546-1621) донишманд ва шоири асрҳои XVI-XVII дар достони «Муш ва гурба» оиди ростгӯйӣ ва дурусткории мардуми шаҳри Бухорост.

Холиди Нақшбандӣ (1779-1826) шоир ва донишманди асрҳои XVIII-XIX ва асосгузори шохаи холидияи тариқати нақшбандия дар Ироқ, дар «Муноҷотнома»-и худ аз номи Бухоро ва пирон ва бузургони он шаҳр ба бузургӣ ёд мекунад:

*Худовандо, ба ҳаққи исми Аъзам,*
*Ба нури дидаи авлоди Одам.*
*...*
*Ба ҳаққи пири пирони Бухоро,*
*К-аз ӯ шуд санги хоро зарри соро.*

Ҷайҳуни Яздӣ (1837-1882) нависанда ва шоири асри XIX Бухороро шаҳри надуст ва дар садри ҷаҳон дониста ва менависад:

*Шуд Бухоро Язду наввоб андар ӯ садри ҷаҳон,*
*Балки аз садр ин Бухороро ҷаҳон бар ком шуд.*
*...*
*З-ин садри ҷаҳон ушшоқ бо дилбарашон мисоқ,*
*Пас гар бувадат инсоф дар Язд Бухоро бин.*

Турки Шерозӣ (ваф. 1912) наққош ва шоири асрҳои XIX-XX дар девони шеъри худ ба диндории мардуми Бухоро ишора карда ва месарояд, ки мардуми ин шаҳр барои ситаме, ки бар мазлумини Карбало раво шуд, сӯгворӣ мекунанд:

*Зулме, ки бар Ҳусайни Алӣ шуд ба Карбало,*
*Кас дар ҷаҳон надида чунин зулме бар мало.*

*Танҳо ҳамин на мардуми Эрон бапо кунанд,*
*Базми азои сабти набиро ба хонаҳо.*

*Дар Ҳинду Синду Балху Бухорову Зангу Рум,*
*Ҳар сола базми таъзияаш мешавад бапо.*

Иқболи Лоҳурӣ (1873-1938) шоири ҳиндустонии поёни асри XIX ва оғози асри XX дар китоби «Паёми Машриқ» ба хоки поки Бухорову Кобулу Табрез ишора карда ва он сарзаминро фурӯғу равшании чашм дониста ва сурудааст:

*Агарчи зодаи Ҳиндам, фурӯғи чашми ман аст,*
*Зи хоки поки Бухорову Кобулу Табрез.*

Адибулмамолики Фароҳонӣ (1860-1917) нависанда, шоир ва рӯзноманигори эронии поёни асри XIX ва оғози асри XX ба сарвату дороиҳои шаҳри Бухоро дар он даврон ишора мекунад ва менависад, ки бенавоён аз фақр ба шаҳри Бухоро панов мебурданд:

*Фаромӯшам нашуд панде, ки мегуфт*
*Ба пури хеш пире дар Бухоро,*

*Ки гар дар кори худ ҷунбиш кунад мард,*
*Тавон суфтан ба сӯзан кӯҳи хоро.*
*...*
*Фуқаро тарки ватан карда зи ҷуъ,*
*Ба Бухорову ба Қафқоз шуданд.*

Сайидои Насафӣ (1637-1710) шоири асрҳои XVII-XVIII комилтарин тавсифро аз шаҳри Бухоро ва мардуми он дорад ва дар шеъри худ ба вижагиҳое чун хоки пок, сарзамини атрогин, исмат, покӣ ва покдомании мардум, дарвешон ва урафои парҳезкор, бозургонии пурравнақ, боғҳои сарсабз, осори бостонӣ, манори калон ва диндории мардум ишора мекунад ва ба зебоӣ месарояд:

*Хушо шаҳри Бухоро, хоки покаш,*
*Ки мушки суда мерезад зи хокаш.*

*Чу гул хубонаш аз исмат музайян,*
*Чу булбул ошиқонаш покдоман.*

*Дар ӯ пайваста дарвешони бехоб,*
*Хамида дар рукӯъи Ҳақ чу меҳроб.*

*Тарозудори дуконҳои ӯ ҷӯр,*
*Харидорони ӯ савдогари нур.*

*Бувад беруни ӯ маъмур аз боғ,*
*Кунад саҳрои ӯ фирдавсро доғ.*

*Ба давраш қалъаи доираосор,*
*Манораш дар миён як пойи паргор.*

*Шариат аз Бухоро ёфт ойин,*
*Манори ӯ сутуни хонаи дин.*

**Ҳамид НАЙИРОБОДӢ,**
**Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**



# «ДОР-УЛ-ҲАДИЯ» – МАРКАЗИ ҲАДИСШИНОСӢ

Ин марказ дар шаҳри Қум, ки маркази руҳонии Ҷумҳурии исломии Эрон шинохта шудааст, ҷойгир мебошад.

Дар марказ беш аз 50 ҳазор ҷилд китоб ҷамъоварӣ шудааст, ки аз ду се қисми он ба забони арабӣ ва боқимонда форсиву лотинӣ аст. Аз ҷумла чанд ҷилд аз осори Ал-Бухорӣ ба забонҳои урду, арабӣ ва англисӣ дар ин хазина нигоҳдорӣ мешавад.

Азбаски марказ соҳиби хазинаи бебаҳои осори хаттӣ мебошад, ҳадисшиносон ва дигар муҳаққиқони улуми илоҳӣ аз он истифода мекунанд ва ҳар кадоме барои кишвари худ ва алоқамандони улуми илоҳӣ аз ганҷинаи маонии он махзан пешкаш менамоянд.

Матн ва сурати
**Тоҷибой ИКРОМОВ.**

# АНҶУМАНИ ҶАШНИИ ШОИР

(Аввалаш дар саҳ.3).

– Банда хушнудам, ки дар ҷашнҳои 60-солагии шоирони мардумӣ М. Турсунзода ва А. Орифов иштирок кардаам. Ҳоло шодам, ки табрики «Пири бухороӣ» насибам мегардад, – гуфт раиси Маркази миллии мадании тоҷикони ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё Карим Тошқулов ва ба соҳибҷашн «Номаи табрикӣ»-и манзуми хешро ҳавола намуд.

Дар анҷуман декани факултети филологияи ДДБ, профессор Дилшод Раҷабов, роҳбари Маркази миллии мадании тоҷикону форсҳои вилояти Бухоро Рауф Авезов ва дигарон низ ба сухан баромада, Гулзодаро бо синни муборак табрик карданд.

Ба чорабинӣ рақсу сурудҳои санъаткорони вилоят, аз ҷумла дастаи «Мавригӣ» ҷозиба бахшид. Хусусан, талқини мусиқии шеърҳои Гулзода дар иҷрои онҳо ба ҳозирон писанд омад.

Дар ҷараёни тадбир бо иштироки донишҷӯёни гурӯҳҳои тоҷикии факултети филологияи ДДБ ва набераҳои шоир Асад Гулзода мушоираи дилкаш сурат гирифт.

Дар охир соҳибҷашн ба созмондиҳандагони тадбир арзи сипос намуд ва ба донишҷӯён китобҳояшро туҳфа кард.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

***Абдулло СУБҲОН***

## МУАЗЗИНЕ ДАР БАЛАНДИ МАНОРИ СУХАН

***ЭҲДО БА АСАД ГУЛЗОДАИ БУХОРОӢ***

*Дар Бухорои Шариф –*
*Қуббатулисломи дин,*
*Бистару гаҳвораи сабзи забони форсӣ*
*Лонаи мурғи каломи шаҳдбори Рӯдакӣ,*
*Зодгоҳи Наршахию Ибни Сино,*
*Абдураҳмон Мушфиқӣ,*
*Аҳмади Дониш,*
*Айнии дар арсаи илму адаб зӯру тавоно...*
*Як манорест,*
*Як манори қад кашида то ба гардуни сухан,*
*Як муаззин дар баланди ин манор,*
*(Зиндагӣ дорад ту гӯӣ дар ҷаҳони форсӣ),*
*Ҳар саҳар гӯяд азони форсӣ:*
*«Аллоҳи акбар...*
*Хоб бас, ҳой мардум, хоб бас!*
*Бар шавед аз ҷо, шитобед!*
*Чун ниёгони банангу ори хеш,*
*ки намози худ гузориданд аҳде форсӣ,*
*Бо ниятҳои булӯрин саф кашед,*
*бар намози тоҷикӣ...*
*Ҳой мардум, хоб бас!».*

***Аҷаб диёре***

# ЯК ДЕҲАИ ТОҶИКОНИ ДУНЁ...

*Синтаб, Синтаб, ҷаҳони зебо Синтаб,*
*Як деҳаи тоҷикони дунё Синтаб.*
*Дар рӯйи харита гарчи з-он нест нишон,*
*Дар синаи ҳар зодаи худ ҷо Синтаб.*

Инсон метавонад дар ҳамаи гӯшаи канори дунё ба сар барад. Вале барои ӯ бештар он пораи Замин азиз аст, ки он ҷо хуни нофаш рехта бошад. Барои инҷониб зодгоҳам – ноҳияи Сайҳунобод, ки канортар аз соҳили дарёи Сир доман густурдааст, маҳбубият дорад.

Овони хурдсолӣ мо намедонистем, ки рӯзгоре бобову бибӣ ва падару модарон аз деҳаи Синтаб ва дигар деҳоти тоҷикнишини қаторкӯҳи Нурато, барои азхуд намудани заминҳои бекорхобида, ба даштҳои Дизаху Ҷӯли Мирзо (Мирзоҷӯл) бино ба қарори ҳукумат кӯч бастаанд. Бобову бибӣ ва падару модарон як умр бо дилбастагии зиёд сухан аз зодбуми худ – Синтаби биҳиштосо ба миён меоварданд. Мо хурдсолон аз баланди дидгоҳи онҳо ба ватан андар Ватани онҳо – роҳу пайроҳаҳои танги кӯҳӣ, чашмаҳои мусаффо, рӯдҳои бекарор, сангу харсангҳои азим, ҷоҳу корез, қуллаҳои сарбаланд, Санги Навишта, Дуоба, Чашмаи Акко, Баланди Шаҳидон, Ҳисору Яйлоқ ... менигаристем ва орзуи як бор дидани деҳаи афсонавиро дар дил мепарваридем...

Дертар инҷониб саъй бинмудам, ки дар машқҳои худ меҳру муҳаббати бобову бибӣ ва падару модаронро ба ватани кӯчакашон ифода намоям:

*Ватан, — мегуфт бобоям, — дигар аст.*
*Ҳамеша Синтабам пеши назар аст.*
*Ба чашми туст шояд тӯдасанге,*
*Маро ҳар резасанги он гуҳар аст.*
*****
*Падар аз Чашмаи Акко ҳамегуфт,*
*Зи Поён гаҳ, гаҳ аз Боло ҳамегуфт.*
*Надонам ман ҷаро он кӯҳзода,*
*Сухан як умр аз он ҷо ҳамегуфт.*
*****
*Чу модар Синтабашро ёд мекард,*
*Дилашро аз қафас озод мекард.*
*Зи сангу чашмаҳо дар домани Сир,*
*Ту гӯӣ Синтабе бунёд мекард...*

Ҳар бор сафари инҷониб ба Синтаб ба охири баҳор ё тобистон, вақте сабзаҳо сӯхтаву кӯҳҳо урён ба назар мерасиданд, рост меомад. Ин бор имкон пайдо шуд, ки дар оғози баҳор ба Синтаб, ки бояд он ҷо тантанаҳои наврӯзӣ ва маросими ба деҳа супурдани сертификати «Деҳаи сайёҳӣ» аз ҷониби Вазорати сайёҳӣ ва фарҳанги ҷумҳурӣ баргузор мешуд, равам.

Сабукрав дар байни роҳи Форишу Нурато тасмаи роҳро фурӯ бурда пеш мерафт, чашм аз манзараҳои дилфиребу ду тарафи роҳ сер намешуд. Табиат рӯйи талу теппа, дашту даман ва риштакӯҳҳои Нурато гӯӣ қолии сабзи баҳориашро густурда буд. Сари ҳар қадам дар хами кӯҳу домани пурвусъати он рамаҳо чаридан доштанд, ҷастухези барраҳои ширмаст ба дилҳо завқ мебахшид. Ҳамсафарам – Машраб, ки ӯ низ аз манзараҳои нотакрори ду канори роҳ чашм намеканд, бо ёдрас намудани чанд сатри навмашқонаам, хомӯширо шикаст:

*Дар ин ҷо ҳам баҳорон навҳаи меш,*
*Шикофад синаи кӯҳ аз пасу пеш.*
*Кананд аз барраи навзоди ӯ пӯст,*
*«Палангони ду пой»-и мардумандеш.*

Дилам ба ҳоли барраҳои навзод сӯхт...

Бале, замину осмон сабз пӯшида буд, вале вақте чашмам ба оинаи мошин афтод, дидам, ки сабзаҳои мӯйи сарам ранг бохтаанд. Дар пойи кӯҳе чанд асп чаридан дошт. Овони наврасӣ аз аспсаворӣ хушам меомад. Вақте дар паҳноҳои Сайҳун тозиёна ба саманди падар мезадам, мисли бод медавид, аз пастхамиҳо гӯӣ парида мегузашт. Аспҳои домани кӯҳ машқи дигарамро ба ёд овар данд:

*Баҳор асту баҳори умри мо ку?*
*Фазои беғубори умри мо ку?*
*Чаридан дошт дар паҳнои сабзе,*
*Саманди бекарори умри мо ку?*

Деҳаҳои тоҷикнишини қаторкӯҳи Нурато – Порашт, ки он ҷо устод Ҷонибек (манзили охираташон обод бод!) ба хоби абадӣ рафтаанд, Ӯхм, Моҷарм, Синтабу Соб, Эҷ, Устук бароям на кам аз Синтаб азизу муқаддасанд. Сириште бо маҳалгароӣ номуросо дорам. Сабаби дар машқҳоям ёд аз Синтабу Сайҳун карданам он аст, ки яке зодгоҳ асту дигаре ватани бобоӣ, яъне андӯхтаҳои зеҳниам аз ин манзилу маконҳост. Вагарна:



*На аз Синтаб, на аз Сайҳунам, ай дӯст,*
*Ман аз ин қаряҳо берунам, ай дӯст.*
*Маро аз Ваҳдатободи ҷаҳон ҷӯй,*
*Ки бо ҳар зодааш ҳамхунам, ай дӯст.*

Баъди фуромадани пардаи торикӣ вориди «Деҳаи сайёҳӣ» гардидем. Сутунҳои баркии чароғакҳояшон фурӯзони замонавӣ, ки гӯё дар тарафи чапи роҳ ба истиқболи меҳмонон саф кашида буданд, моро гӯё истиқбол мегирифтанд. Роҳи ҳамвори асфалтпӯш сабаби хушҳолии ронанда гардид. Бари роҳи канори рӯди деҳаро роҳсозон ба бар то чор метр васеъ карда, ба дарозии 5 километр асфалт хобондаанд, 20 меҳмонхонаи хусусии қадафрохта, пул ва зинароҳҳои филизии (барои баромадан ба Қӯрғони қадимӣ) устувор кардашуда ба ҳусни деҳ афзудаанд...

Субҳи рӯзи дигар дар майдони пурвусъати варзишии мактаби рақами 38-уми деҳа, ки намоиидона дошт, тантанаҳои наврӯзӣ оғоз ёфтанд. Ба қавле, замин кафида одам баромада буд. Ҳама якдигарро бо иди Наврӯз табрик мекарданд. Дар раддае хӯрокҳои миллиро ба маърaз гузошта буданд, дар гӯшае деги суманак ҷӯшидан дошт, бодпараки кӯдакон дар фазои нилӣ бол кушода буд, ҷавонони ҳузарб гӯштин мегирифтанд. Ин ҳамаро сайёҳони хориҷӣ бо завқи дуболо тамошо мекарданд, чанде аз онҳо бо дастгоҳи аккосӣ гирди деги суманак мегашт, сӯзаниҳои хушдӯхтро ба сурат мегирифтанд. Онҳо шаҳрвандони Англия, Фаронса ва Австрия буданд.

Иштироки намояндагони Вазорати фарҳанг ва сайёҳии ҷумҳурӣ, ҳокими ноҳияи Нурато Азамат Файзиев ва сафири Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода ба чорабинии наврӯзӣ шукӯҳи тоза бахшид.

Он рӯз сокинон аз эътибору ғамхории роҳбари давлат ба деҳа шод буданд.

– Мо фикр накарда будем, ки роҳбари мамлакат ба як деҳаи дурдаст ин қадар эътибор медиҳад. Тайи ду-се соли охир симои деҳаи мо хеле дигар шуд, меҳмонхонаҳо бунёд гардиданд, ҷавонон бо шуғл фаро гирифта шуданд, зиёратгоҳҳо пасу пеш рӯйи таъмирро мебинанд, — гуфт дар суҳбат бо мо сокини 85-солаи деҳа Абдумаҷид Рӯзимуродов. – Муҳимаш, бари роҳи танги деҳа васеъ ва ба дарозии панҷ километр мумфарш карда шуд. Чандест, ки пойи сайёҳони хориҷӣ аз кишварҳои дуру наздик канда намешавад. Имрӯз Синтаб мақоми «Деҳаи сайёҳӣ»-ро ба даст даровард, ки мояи ифтихори мост. Фикр мекунам, деҳа дар оянда боз ҳам ободтар мешавад, мақбараҳои рамзӣ барои «Даҳ азизон» бунёд мегарданд...

Дар соҳили обанбори хурди деҳа низ, ки оби кабуди шаффоф дорад, метавон барои сайёҳон ва сокинон фароғатгоҳҳо барпо кард, барои сайр дар сатҳи об завракҳоро дар ихтиёри онҳо гузошт...

**А. СУБҲОНОВ.**
**Суратгир: Т. ХОВАРӢ.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-425. Адади нашр 4611 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.